ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

УДК: 159.9+340 (575.3)

Бо ҳукми дастнавис

ЛАТИФЗОДА СОМОН ЗАРИФ

# ТАШХИСИ КОРШОЯМИИ КАСБӢ-ПСИХОЛОГИИ ШАХС ДАР МАҚОМОТИ КОРҲОИ ДОХИЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
(дар мисоли довталабони самти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ)

**АВТОРЕФЕРАТИ**
**диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050300 – Психология**

Душанбе – 2021

**Диссертатсия дар кафедраи психологияи факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро карда шуд.**

| | |
|---|---|
| **Роҳбари илмӣ:** | **Юнусова Нафисахон Муродовна**-доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳии ДМТ |
| **Муқарризони расмӣ:** | **Файзализода Ҷумахон Хол** - доктори илмҳои педагогӣ, Директори муассисаи давлатии «Китобхонаи миллии Тоҷикистон»-и Дастгоҳи Иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| | **Мингбоев Абдуворис Юзбоевич** - номзади илмҳои психологӣ, дотсенти кафедраи психологияи умумии Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров |
| **Муассисаи тақриздиҳанда:** | **Донишгоҳи давлатии Данғара** |

Ҳимояи такрории диссертатсия «4»-уми декабри соли 2021, соати $09^{00}$ дар ҷаласаи Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА–052 ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050300 – Психология дар назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17) баргузор мегардад.

Бо диссертатсия ва автореферати он дар китобхонаи марказии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17) ва тавассути сомонаи www.tnu.tj шинос шудан мумкин аст.

Автореферат «_____» ________ соли 2021 фиристода шуд.

**Котиби илмии Шӯрои диссертатсионӣ,**
**номзади илмҳои фалсафа Раҷабов Н.М.**

## МУҚАДДИМА

**Мубрамияти мавзӯи таҳқиқот.** Яке аз ҷанбаҳои муҳими сиёсати кадрии мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистонро баланд бардоштани дараҷаи касбии кормандон ташкил медиҳад. Дар баробари омодагии касбии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ, мувофиқати сифатҳои психологии онҳо низ дар таъмини самаранокии фаъолияти хизматӣ-оперативӣ нақши ҳалкунанда мебозад. Қайд кардан зарур аст, ки ҷалб ва қабул кардани шахсони аз ҷиҳати психологӣ коршоям барои кор дар ниҳодҳои қудратӣ тақозои замони муосир аст, зеро маҳз шахсони аз ҷиҳати психологӣ коршоям кори мақомотро хуб ба анҷом расонида, сулҳу субот ва тартиботи ҷамъиятиро ба таври бояду шояд таъмин карда метавонанд. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар сафари кории худ ба Вилояти мухтори кӯҳистони Бадахшон доир ба ин масъала иброз намуда буданд, ки "...маҳз кормандони МКД бояд тартиботи ҷамъиятиро дар сатҳи баланд амалӣ намоянд..."

Барои баррасӣ ва ҳаллу фасли масоили мазкур лоиҳаи қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи стратегияи ислоҳоти милитсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2020" ва "Барномаи ислоҳоти (рушди) милитсия барои солҳои 2014-2020» ба тасвиб расидаанд. Лоиҳаи қонун ва барномаи мазкур пешниҳод мекунанд, ки бояд меъёрҳои қабул намудани кормандон ба кор дар мақомоти корҳои дохилӣ аз ҷиҳати илмӣ асоснок ва ба талаботи замони муосир ҷавобгӯ бошанд. Ин аст, ки дар мақомоти корҳои дохилӣ ташхиси коршоямии довталабон ба кор ва ҳайати шахсӣ яке аз самтҳои муҳими сиёсати кадрӣ маҳсуб меёбад. Мубрамияти ин масъала дар лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи рушди (ислоҳоти) милитсия" чунин пешбинӣ шудааст: "Довталабҳои милитсия ҳангоми дохил шудан ба кор дар ҳама гуна сатҳ, бояд дар асоси сифатҳои шахсӣ ва таҷрибаашон, тибқи ҳадафҳои қонунии хизмат дар милитсия ба кор қабул карда шаванд. Барои пурратар омӯхтани коршоямии довталаб барои хизмат дар милитсия ӯ ба мӯҳлати аз 3 то 6 моҳ коромӯзӣ менамояд, ки дар рафти он аз курсҳои ибтидоии таълими касбӣ, мутобиқшавӣ ба хизмат дар вазифаи ҳозира ва аз рӯйи натиҷаҳои коромӯзӣ барои адои хизмат вобаста ба вазифаи дахлдор аз аттестатсия гузаронида мешавад" [93:30-31].

Дар Раёсати тиббии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон ташхиси коршоямии касбӣ-психологии довталабон барои кор дар мақомоти корҳои дохилӣ ба роҳ монда шуда бошад ҳам, мутаассифона, баъзе мушкилотҳо низ вуҷуд доранд. Барои ҳалли мушкилотҳои мавҷудбуда талаботҳои психометрикии ташхиси коршоямии касбӣ-психологии шахс аз ҷиҳати илмӣ бояд роҳандозӣ карда шаванд. Аз ин лиҳоз, тадқиқ ва илман асоснок намудани чорабиниҳо дар самти муайян намудани коршоямии касбӣ-психологии шахс дар мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон

масъалаи рӯзмарра буда, натиҷаҳои илман асосноки аз тадқиқоти мазкур бадастомадаро метавон барои боз ҳам беҳтар намудани интихоби касбӣ-психологӣ дар ниҳодҳои қудратии кишвар истифода бурд.

**Дараҷаи коркарди масъала.** Омӯзиш ва тадқиқи коршоямии касбӣ-психологии шахс таърихи қадима дошта бошад ҳам, тадқиқи илмии он таърихи на он қадар тӯлонӣ дорад. Дар ибтидо муайян кардани коршоямии касбӣ-психологӣ бо истифода аз усулҳои дар фаросат асосёфта амалӣ мегашт. Мафҳуми "интихоби касбӣ" ҳанӯз дар ибтидои асри XX, аввалин маротиба аз тарафи Г. Мюнстерберг ба доираи илмӣ ворид карда шудааст. Дар асоси тадқиқотҳо Мюнстерберг ба хулоса омад, ки барои фаъолияти самарабахш шахс бояд дорои маҷмӯи хусусиятҳои инкишофёфта бошад. Тадқиқи илман асоснок муайян кардани коршоямии касбӣ-психологии шахсро Ф. Галтон асос гузоштааст.

Мавриди қайд аст, ки меҳвари асосии коршоямии касбӣ-психологиро худи "касбият" ташкил медиҳад ва як қатор муҳаққиқон аз қабили А.К. Маркова, К.М. Гуревич, М.А.Басов, В.А. Бодров, Е.А. Климов, Ш.Липман дар ин самт тадқиқотҳо анҷом доданд ва дар ин радиф тадқиқотҳои А.К. Маркова доир ба психологияи касбият аҳамияти махсус доранд, зеро ӯ касбиятро ҳамчун хусусияти махсуси одам шарҳ додааст.

Дар тадқиқи масъалаи мазкур тадқиқотҳои ба масъалаи коршоямии касбӣ-психологӣ бахшидашуда мавқеи махсус дошта, дар ин самт корҳои К.М. Гуревичро метавон ҳамчун водоркунанда баҳогузорӣ намуд. Номбурда аҳамияти коршоямии касбӣ, муайян кардани дараҷаҳо ва ташаккулёбии онро тадқиқ намуда, қайд мекунад: "Ҳар як одам метавонад дилхоҳ касбро аз худ кунад, аммо гап сарии он аст, ки барои ин чӣ қадар вақт лозим мешавад. Марҳилаи фаъолии касбӣ дар ҳаёти одам маҳдуд аст ва фаъолияти бесамару дилгиркунанда на танҳо бадбахтии шахсӣ аст, балки ба ҷомеа низ таъсир мерасонад. Аз ин лиҳоз, пешбининамоии коршоямии касбӣ ва роҳҳои ташаккул додани он ҳеҷ гоҳ актуалияти худро аз даст намедиҳад" [46:45].

Натиҷаи тадқиқотҳои доир ба коршоямии касбӣ-психологии шахс гузаронидашуда, дар асарҳои В.А. Толчек, Е.А. Климов, А.Я. Анспов, А.И. Шипилов, Л. Супер, М.А. Медвед, Н.Ю. Парачев, Ф. Тейлор, Ф. Парсонс, У.Д. Скотт, В.М. Бехтеров ва дигарон инъикос ёфтаанд. Дар ин радиф корҳои илмии Ф. Парсонс аҳамияти махсус доранд, зеро ӯ аз ҷумлаи нахустин олимонест, ки оид ба коршоямии психологии шахс таҳқиқот бурда, модели седоирагии «Мехоҳам», «Метавонам» ва «Зарур аст»-ро коркард намудааст.

Масъалаи интихоби касбӣ-психологии шахс аз ҷанбаҳои гуногун дар корҳои илмии Б.Г. Ананев, Б.Ф. Ломов, СЛ. Рубинштейн, А.Д. Глоточкин, Л.А. Кандибович, А.Ф. Шикун, А.В. Барабаншиков, Н.Ф. Феденко, В.П. Давидов, М.И. Дяченко, Ю.П. Платонов, К.К. Платонов, Э.С. Чугунова, В.Д. Шадриков, В.А. Ядов, П.М. Якобсон, Л.С. Нерсесян, В.Н. Пушкин, В.А.

Моляко, М.Л. Смулсон ва дигар психологҳо мавриди омӯзишу баррасӣ қарор дода шудааст. Ин муҳаққиқон дар корҳои худ доир ба масъалаи умумии интихоби касбӣ-психологӣ, принсипҳои коркарди системаи интихоби касбӣ-психологӣ, мушкилоти такмили назорат ва баҳогузорӣ ба хусусиятҳои шахсро андешаронӣ намуда, моҳияти ин ҷанбаҳоро шарҳ доданд.

Дар самти истифодаи тест ҳамчун усули ташхиси психологӣ барои муайян кардани коршоямии касбӣ-психологии шахс корҳои илмии олимони машҳур аз қабили Г. Айзенк, Р. Амтхауэр, А. Анастази, Д. Векслер, М. Люшер, Р. Кэттелл, Ҷ. Равен, С. Розенсвейг, Л. Сонди, Ж. Тейлор ва дигарон шӯҳрати ҷаҳонӣ пайдо кардаанд.

Аз гуфтаҳои боло бармеояд, ки масъалаи коршоямии касбӣ-психологӣ ва интихоби касбӣ-психологӣ дар маҷмӯъ аз ҷиҳати илмӣ ва методологӣ дар дараҷаи зарурӣ омӯзишу тадқиқ шудаанд. Аммо бо назардошти он ки барои ҳар як касб профессиограмма ва психограммаи махсуси худ мавҷуд аст, метавон гуфт, ки коршоямии касбӣ-психологии шахс дар мақомоти корҳои дохилӣ хусусияти худро дорад. Масъалаи коршоямии касбӣ-психологии шахс дар мақомоти корҳои дохилӣ то дараҷае мавриди тадқиқ карор гирифта бошад ҳам, бо сабаби хусусияти соҳавӣ доштани ин масъала, на ҳамаи натиҷаҳои илмӣ дастрас мебошанд. Лозим ба ёдоварӣ аст, ки масъалаи коршоямии касбӣ-психологии шахс дар мақомоти корҳои дохилӣ дар худ се ҷанба: ҳуқуқӣ, педагогӣ ва психологиро фаро мегирад. Доир ба ҷанбаи ҳуқуқии ин масъала олимони хориҷӣ В.Л. Василев, В.В. Аврамтсев, Ю.Е. Аврутин, В.М. Атмажитов, И.И. Басетский, В.Г. Бобров, В.Т. Вербовой, С.И. Винокуров, К.К. Горяинов, А.В. Губин, В.А. Данилов, С.В. Игнатов, В.А. Иличев, И.А. Климов, А.С. Коноплев, О.Г. Ковалев, А.П. Ковачев, В.В. Лиситсин, В.А. Лукашов, И.В. Михалева, Е.А. Пономарева, Е.Г. Самовичев, Г.К. Синилов, В.И. Филиппенко, М.И. Сиганенко, В.В. Шувалов ва дигарон аз ҷумлаи олимони ватанӣ Р.Ҳ. Раҳимзода, Ҳ.Ш.Шарипов, З.Ҷ. Маҷидзода, К.Х. Солиев, Ф. Шарифзода, Қодиров С., Мирализода А.М., Давлатшоева А. ва дигарон корҳои арзишмандро ба сомон расонидаанд.

Коршоямии касбӣ-психологии шахс аз ҷиҳати психологӣ дар самтҳои зерин мавриди омӯзишу тадқиқ қарор дода шудааст:

- ташхиси коршоямии кормандони сохторҳои қудратӣ (Ф. Баумгартен, А.И. Адаев, А.Н. Глушко, В.Н. Болшев, В.В. Ипатов, Н.И. Мягкий, Г.В. Шутко, А.Г. Маклаков ва дигарон);
- интихоби касбӣ-психологӣ дар мақомоти корҳои дохилӣ (В.А. Бодров, К.М. Гуревич, О.Г. Невраев, Бовина, А.Д. Сафронова, К.К. Платонов, И.Ч. Шушкевич, С.В. Ефимкин, Н.И. Мягкий ва дигарон). Мавриди қайд аст, ки консепсия, принсипҳо, меъёрҳо ва технологияи интихоби касбӣ-психологии довталабон барои хизмат дар мақомоти корҳои дохилӣ дар тадқиқотҳои Н.И. Мягкий мавриди омӯзиши васеъ қарор гирифтанд;

- меъёрҳои муайян кардани “гурӯҳи осебпазир” ҳангоми интихоби довталабон ба хизмат дар мақомоти корҳои дохилӣ (Н.И. Мягкий, Г.В. Шутко, С.А. Ларионова, И.Н. Озеров);

- сифатҳои муҳими психологӣ-касбии кормандони фаъолияти оперативӣ ҷустуҷӯӣ ва интихоби довталабон барои кор дар ин фаъолият (В.М. Богданов, О.И. Бродченко, П.В. Акентев, Ю.Е. Скалин, Ю.В. Чуфаровский).

Мавриди қайд аст, ки ҳарчанд муайян кардани коршоямии касбӣ-психологии шахс ҳангоми қабули довталабон ба кор дар мақомоти корҳои дохилӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таърихи зиёда аз 40 сола дошта бошад ҳам, вале аз ҷониби муҳаққиқони ватанӣ тадқиқотҳои илмӣ дар ин самт гузаронида нашудаанд. Аз ин лиҳоз, тадқиқоти мазкур аҳамияти махсуси амалӣ дошта, барои ошкор кардани мушкилоти мавҷудаи ин самт ва роҳҳои ислоҳи онҳо заминаи хубе хоҳад гузошт.

**Асосҳои методологӣ ва назариявии тадқиқотро** маҷмӯи методҳои умумиилмӣ ва соҳавӣ, инчунин принсипҳои таҳлили системавии зуҳуроти психикӣ, раҳёфти байнифаннӣ дар доираи илмҳои инсоншиносӣ ва раҳёфти омӯзиши комплексии зуҳуроти психикӣ ташкил медиҳанд. Қисми амалии тадқиқот ба принсипи ташхиси комплексии хусусиятҳои иҷтимоӣ-психологӣ, сифатҳои психофизиологӣ ва хусусиятҳои фардии шахс асос меёбад. Дар тадқиқот методҳои умуминазариявӣ (таҳлили адабиёт, омӯзиши маҳсули фаъолият), эмпирикӣ (мушоҳида, таҳлили ҳуҷҷатҳо, суҳбат) ва ташхисӣ (тестгузаронӣ) истифода бурда шудаанд, ки ягонагии ташхиси психологиро таъмин намуданд.

**Сарчашмаҳои тадқиқот.** Сарчашмаҳои асосии рисолаи мазкури илмиро таълимоти назарияҳои маъруф доир ба ин масъала, ба монанди раҳёфти шахсӣ (К.К. Платонов), назарияи мутобиқшавӣ (Ю.А. Александровский, Ф.Б. Березин, А.А. Налчаҷян, Г. Селе), принсипҳои ташхиси психологӣ (К.М. Гуревич, В.А. Бодров, Л.Ф. Бурлачук, Б.В. Кулагин, Л.Н. Собчик), асосҳои назариявии психологияи ҳуқуқӣ (В.Л. Василев, А.Т. Иванитский, А.И. Китов, Н.И. Мягкий, А.М. Столяренко, Ю.А. Шаранов, А.Г. Шестаков) ташкил медиҳанд.

Инчунин, ба сифати сарчашма санадҳои меъёрию ҳуқуқии танзимкунандаи ташхиси коршоямии касбӣ-психологии шахс дар мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар адабиёти илмӣ хизмат кардаанд.

## ТАВСИФИ УМУМИИ КОР

**Иртиботи кор бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзӯъҳои илмӣ.** Кори диссертатсионӣ дар чорчӯбаи корҳои илмӣ-тадқиқотии кафедраи психологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, ки ба омӯзиши ҷанбаҳои психологии рушди ҷомеа дар шароити ҷаҳонишавӣ равона шудаанд, таҳия ва иҷро гардид.

**Объекти тадқиқот** - ташхиси коршоямии касбӣ-психологии шахс.

**Предмети тадқиқот** -раванди ташхиси коршоямии касбӣ-психологии шахс ҳангоми қабули довталабон ба кор дар мақомоти корҳои дохилӣ.

**Фарзияи тадқиқот.** Истифодаи методикаҳои эътимоднок ва меъёрҳои илман асоснок кардашуда имконият медиҳад, ки дараҷаи коршоямии касбӣ-психологӣ ва сифатҳои муҳими касбии довталабони самти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ба таври тафриқавӣ ва бо сифати баланд баҳогузорӣ карда шаванд. Барои исботи фарзияи асосӣ фарзияҳои зерини ҷузъӣ гузошта шудаанд:

1. Агар воситаҳои ташхисӣ бо назардошти хусусиятҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ба роҳ монда шаванд, эҳтимоли монеаҳои дар раванди ташхис ба вуҷудомада бартараф шуда, дар баробари ин, иҷрои самараноки вазифаҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ сифати баландро касб менамояд.

2. Дар сурати муайян гардидани консепсия, технология ва меъёрҳои ташхиси коршоямии касбӣ-психологии шахс дар МКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, ташхиси психологӣ дар муддати кӯтоҳ гузаронидашуда, объективияти он низ баланд мегардад.

3. Агар самтҳои асосии фаъолияти мақомоти корҳои дохилӣ, хусусан, фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ муайян карда шаванд, он гоҳ психограмма (талаботҳои касбӣ-психологӣ ба шахсияти довталабони самти оперативӣ) ва профессиограмма (талаботҳои ба фаъолият пешниҳодшаванда) тартиб дода шуда, ба ин восита сатҳи ҷинояткорӣ коҳиш ва дараҷаи баланди саривақт ошкорсозии ҷиноятҳо мушоҳида мешавад.

4. Дар сурати мушаххас ва асоснок гардидани "гурӯҳи осебпазир" сифатҳои муҳими касбии корманд муайян гардида, шумораи кормандони ба талаботҳои касбӣ-психологӣ ҷавобгӯ набуда, дар МКД ихтисор мешаванд.

5. Хусусиятҳои коршоямии касбӣ-психологии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ барои кор дар самти фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ аз талаботи психографии ин фаъолият бармеояд, ки дар худ ҳам хусусиятҳои умумии фардӣ-психологӣ (равияи шахс, дараҷаи умумии инкишофи зеҳнӣ, устувории эмотсионалӣ) ва ҳам хусусиятҳои махсус (дараҷаи ифодаёбии сифатҳои касбӣ, худидоранамоӣ дар вазъиятҳои фавқуллода ва ғ.)-ро дар бар мегирад.

6. Дар ташхиси коршоямии касбӣ-психологии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ муайян кардани хусусиятҳои психологии шахс мавқеи марказиро ишғол мекунад.

**Мақсад ва вазифаҳои тадқиқот.** Мақсади тадқиқотро коркарди назариявӣ ва асосноккунии консепсияю раҳёфтҳои илмӣ, технологияҳои нав, меъёрҳо ва методҳои ташхиси коршоямии касбӣ-психологии шахс дар мақомоти корҳои дохилӣ бо дарназардоши махсусияти фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ташкил медиҳад. Барои амалӣ намудани мақсади гузошташуда дар назди тадқиқот **вазифаҳо**и зерин бояд ҳалли худро ёбанд:

- дар асоси таҳлили адабиёти илмӣ муайян намудани консепсия ва ҷанбаҳои асосии ташкил ва гузаронидани ташхиси коршоямии касбӣ-психологии шахс дар мақомоти корҳои дохилӣ;

- асоснок кардани консепсияҳо, технология ва меъёрҳои ташхиси коршоямии касбӣ-психологии шахс дар МКД Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- ошкор кардани вазъи кунунии ташхиси коршоямии касбӣ-психологии шахс дар мақомоти корҳои дохилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- бо назардошти хусусиятҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ аз нав дида баромадани воситаҳои (маводҳои) ташхисӣ (эксперименталӣ) ва коркарди онҳо;

- истифода ва коркарди тестҳо тавассути технологияҳои нав (истифодаи тестҳои компютерӣ);

- тавсифи профессиографии самтҳои асосии фаъолияти мақомоти корҳои дохилӣ, хусусан, фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ;

- асоснок намудани меъёрҳои психологӣ ва психофизиологии ташхиси коршоямии касбӣ-психологии шахс ҳангоми қабул намудан ба кор дар самти фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ва даврабандии он;

- муайян кардани маҷмӯи асоснокшудаи методҳои ташхиси психологӣ барои баҳогузорӣ намудан ба коршоямии касбӣ-психологии довталабон барои кор дар самти фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ;

- асоснок намудани меъёрҳои муайянкунандаи “гурӯҳи осебпазир” дар самти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ.

**Методҳои таҳқиқот.** Барои ҳалли вазифаҳо ва санҷидани самаранокии фарзия методикаи бисёромилаи ташхиси шахсият (MMPI), тести Равен ва методҳои ташхиси хусусиятҳои психофизиологӣ истифода бурда шуданд.

**Давраҳои таҳқиқот.** Пажӯҳиш аз соли 2016 то соли 2019 дар се давра гузаронида шудааст.

**Дар давраи якуми таҳқиқот (2016-2017)** – таҳлили психологии “ташхиси қабилӣ”-и довталабони самти оперативӣ муайян шудааст.

**Давраи дуюми таҳқиқот (2017-2018) -** аз ташхиси психологӣ гузаронидани 283 довталаби самти оперативӣ иборат буд.

**Давраи сеюми таҳқиқот (2018-2019)** – таҳлили тафриқавӣ намудани натиҷаҳои “ташхиси қаблӣ” бо натиҷаҳои “ташхиси бевосита”-ро дар бар гирифтааст.

**Заминаи таҷрибавӣ-озмоишии таҳқиқот.**Таҳқиқоти озмоишӣ дар заминаи Маркази ташхиси психологии Комиссияи марказии ҳарбӣ-тиббии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон (МТП КМҲТ ВКД) сурат гирифт. Дар давраи мазкур 283 нафар ба ҷараёни озмоиш фаро гирифта шуданд.

**Эътимоднокии натиҷаҳои бадастомадаро таъмин карданд:** истифодаи пойгоҳи методологӣ ва назариявии пажӯҳиш; такя ба маҷмӯи усулҳои

назариявӣ ва таҷрибавии пажӯҳиш, ки ба мавзуъ ва ҳадафҳои пажӯҳиш созгор ва мувофиқанд; таҳлили шароит ва натиҷаҳои фаъолияти таҷрибавӣ-озмоишӣ; тасдиқ қавоиде, ки дар фарзия ва ғояи пешбарандаи пажӯҳиш ба миён гузошта шуд; таҷрибаи амалии фаъолияти касбии муаллифи диссертатсия.

**Навгонии илмии тадқиқот аз** таҳқиқи коршоямии касбӣ-психологии шахс дар мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон иборат буда, дар натиҷа:

- аввалин бор дар чаҳорчӯбаи имконоти методологӣ кӯшиши тадқиқи ташхиси коршоямии касбӣ-психологии шахс дар мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба харҷ дода шудааст;
- моҳияти коршоямии касбӣ-психологии шахс аз мавқеи назария, консепсия ва раҳёфтҳои гуногуни илмӣ мавриди таҳлил қарор дода шуда, аввалин маротиба таърихи омӯзиши он даврабандӣ гаридааст;
- мавқеи ташхиси психологӣ дар муайян кардани коршоямии касбӣ-психологии шахс баррасӣ ва асоснок шуда, меъёрҳои психологӣ ва психофизиологии баҳогузорӣ ба коршоямии шахс мушаххас гардидаанд;
- меъёрҳои муайян кардани “гурӯҳи осебпазир” дар маҷмӯъ барои мақомоти корҳои дохилӣ ва “гурӯҳи осебпазири махсус” барои самти оперативӣ муайян карда шудаанд;
- психографияи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ таҳлил гардида, талаботҳои касбӣ-психологӣ ба шахсияти довталабони самти оперативӣ-ҷустуҷӯйӣ ошкор карда шудаанд;
- бо истифода аз методҳои ташхиси психологӣ хусусиятҳои тағийрёбии шахсият дар довталабони самти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ муқаррар карда шудааст.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии кори диссертатсионӣ** аз он иборат аст, ки он хусусияти байнисоҳавӣ дорад ва натиҷаҳои дар рафти кор бадастомадаро дар тадқиқи минбаъдаи мавзӯъ дар доираи дигар илмҳо низ истифода бурдан мумкин аст. Аз ҷумла, натиҷаҳои бадастовардаи муаллифро метавон дар раванди ба роҳ мондани чорабиниҳои муайян кардани коршоямии касбӣ психологӣ дар мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин коркарди курсҳои таълимӣ ва таҳияи дастуру китобҳои дарсӣ оид ба масъалаи мазкур, ҳангоми омода кардани лексияҳову курсҳои махсус доир ба масъалаи тадқиқот ва дар вақти таълими фанҳои психологӣ ва ғайра низ истифода кард.

**Ба ҳимоя мулоҳизаҳои зерин пешниҳод карда мешаванд:**

1. Ташхиси коршоямии касбӣ-психологии шахс ҳамчун унсури самараноки бо кадрҳо таъмин кардани мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти бисёрзинагии маҷмӯавӣ буда, ба ошкор кардани хусусият ва сифатҳои муҳими психологӣ ва психофизиологии таъминкунандаи фаъолияти самаранок дар ин самт равона карда шудааст. Технологияи ташхиси психологии коршоямии касбии довталабон барои фаъолият дар мақомоти корҳои дохилӣ дар раҳёфти сохторӣ ва шахсии баҳогузорӣ ба

хусусиятҳои психологӣ ва психофизиологӣ, инчунин ошкор кардани “омилҳои хатар” асос ёфта, воситаи муҳими интихоби касбӣ мебошад.

2. Муайян кардани коршоямии касбӣ-психологии шахс дар шароити муосир ташхиси бисёрзинагии хусусиятҳои психофизиологӣ, психологӣ, иҷтимоӣ ва мувофиқати онҳо бо сифатҳои муҳими касбӣ, ошкор кардани дараҷаи мувофиқат бо талаботи психограмма буда, дар шакли маҷмуаи баҳодиҳӣ-ташхисии меъёркунонидашуда ба роҳ монда мешавад.

3. Дар ташхиси коршоямии касбӣ-психологии шахс ташхиси хусусиятҳои шахсият мавқеи марказӣ дорад, зеро ҳам ҳангоми тавсия нашудан ба кор ва ҳам дар муайян кардани “гурӯҳи осебпазир” ин хусусиятҳо ҳукмфармо буда, дар рафти фаъолияти корӣ низ маҳз тағйирёбии ин хусусиятҳо бештар мушоҳида мешавад.

4. Меъёрҳои муайян кардани коршоямии касбӣ-психологии довталабони самти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ махсусияти худро дорад, ки аз талаботи психографӣ ва психометрикӣ ба ин фаъолият бармеояд.

**Саҳми шахсии диссертанти дараҷаи илмӣ** аз муайян кардани мақсад, вазифаҳо, объект, предмет, фарзия ва масъалаҳои тадқиқот, матраҳ ва масъалаҳои мубрами тадқиқот, таҳлилу баррасии иттилооти ба дастовардашуда иборат аст. Таҳлили назариявию методологӣ, тадқиқи амалӣ ва санҷидани фарзияи гузошташуда, коркарди пешниҳод ва хулосаҳо, ки мӯҳтавои диссертатсияро тартиб медиҳанд, маҳз натиҷаи тадқиқоти мустақилонаи диссертант маҳсуб мегарданд. Инчунин, меъёрҳои интихоби касбӣ-психологӣ барои кормандони мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар маҷмӯъ ва довталабон барои кор дар самти фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ дар шакли алоҳида коркард ва пешниҳод карда шудаанд.

**Таъйиди диссертатсия ва иттилоот оид ба истифодаи натиҷаҳои он.**

Натиҷаҳои таҳқиқот дар мавридҳои зерин ҳусни амал пайдо намуданд:

-дар конференсияҳои байналмилалӣ ва ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ, семинарҳо доир ба масъалаҳои таҳқиқот;

-гузориш ва муҳокимаҳои мунтазам дар ҷаласаҳо ва семинарҳои илмӣ-методии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон;

-маърузаҳо дар конференсияҳои ҳарсолаи илмӣ-амалии ҳайати профессорону омӯгорони ДМТ.

**Интишороти натиҷаҳои диссертатсия.** Мӯҳтавои калидӣ ва хулосаҳои кори диссертатсионӣ дар 23 мақолавумаводҳои илмӣ-таълимӣ-методии муаллиф, ки 10-тои он дар маҷаллаҳои аз ҷониби КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати маориф ва илми Федератсияи Русия таъйиншуда чоп гардидаанд, бо воситаи маърӯзаҳо дар конфронсҳои ҷумҳуриявӣ баён ёфтаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия** ба гузориши масъалаи илмӣ ва мантиқи таҳқиқот мувофиқат менамояд. Таҳқиқоти диссертатсионӣ аз муқаддима, ду боб, 5 зербоб, хулоса, рӯйхати адабиёт ва замима иборат аст, матн 7 ҷадвал ва 16 диаграммаро дар бар мегирад.

## МУНДАРИҶАИ АСОСИИ ДИССЕРТАТСИЯ

**Дар муқаддима** мубрамияти мавзӯъ, сатҳи пажӯҳиши илмии он таҳлил карда шуда, объекту масъалаи асосӣ, фарзияи тадқиқот, мақсаду вазифаҳои асосии он муайян гардида, тавсифи асосҳои илмиву методологӣ, заминаи сарчашмашиносӣ оварда шуда, шарҳу тавзеҳи арзиши илмиву амалии кори диссертатсионӣ, баёни навгонии илмӣ, инчунин мӯҳтавои асосии ба дифоъ пешниҳодшаванда арзёбӣ гардидаанд.

Боби аввали диссертатсия – **«Асосҳои назариявӣ-методологии муайян кардани коршоямии касбӣ-психологии шахс дар мақомоти корҳои дохилӣ»** аз се зерфасл иборат аст ва ба таҳлили назариявии коршоямии касбӣ-психологии шахс дар мақомоти корҳои дохилӣ бахшида шудааст.

Зерфасли 1.1. - **«Моҳияти коршоямии касбӣ-психологии шахс ва таърихи омӯзиши он»** ба ошкор кардани моҳияти коршоямии касбӣ-психологӣ ва таърихи омӯзиши он бахшида шудааст. Тибқи назарияҳои психологӣ коршоямии касбӣ–психологӣ ин маҷмӯи сифатҳои психофизиологии инсон дар мувофиқа бо донишҳои касбӣ, маҳорат, малака ва қобилиятҳои зарурие мебошанд, ки барои иҷрои бомуваффақияти ин ё он фаъолият имконият медиҳад (Маркова А.К., Лазурский А.Ф., Гуревич К.М., Толечок В.А., Климов Е.А.,Ансипов А.Я., Шипилов А.И., Медвед М.А., Парачев Н.Ю. ва диг.).

Унсурҳои коршоямии касбӣ модарзодӣ набуда, дар рафти фаъолияти таълимӣ ба даст оварда мешаванд ва дар амалияи фаъолият ба авҷи камолоти худ мерасанд, аммо тарзи азхудкунии ин сифатҳо аз заминаҳои табиии қобилиятҳои шахс вобастагии зиёд доранд. Аз ин рӯ, ин масъаларо ҳамчун системаи ягонаи тайёр намудани шахс ба фаъолияти меҳнатӣ дида баромадан зарур аст. Меъёрҳои муайянкунии коршоямии шахс вобаста аз намуди фаъолият ва психограммаи фаъолият муайян ва мушаххас мегарданд. Вобаста ба намуди фаъолият меъёрҳои коршоямии шахс низ метавонанд иваз ва ё тағйир ёбанд.

Мақсад ва вазифаҳои асосии масъалаи муайян кардани коршоямии касбӣ-психологии шахс инҳо мебошанд:

1. Омӯзиши психологии касб бо мақсади коркарди талабот ба номзад. Тавсифи профессиографии (психограмма ва профессиограмма) касб.
2. Интихоби маҷмӯи методикаҳо ва тестҳои касбӣ барои муайян намудан ва баҳогузорӣ кардани махсусияти психологии коршоямии шахс.
3. Оиндабинии психологӣ дар асоси мувофиқат кардани “профили психологии шахс” бо “профили психологии касб”.

Як нуқтаи дигарро бояд қайд намуд, ки дар ҳаёт на ҳама вақт хусусиятҳои психологии шахс бо талаботҳои фаъолият мувофиқат мекунанд ва номувофиқиоиҳо метавонанд аз чунин омилҳои психологӣ вобаста бошанд: номувофиқоӣ дар байни кордонии касбӣ ва мутобиқшавии иҷтимоӣ; мувофиқат накардани тавсифдиҳандаҳои шахсӣ бо мутобиқати иҷтимоии шахс; номувофиқоӣ дар байни сифатҳои алоҳидаи шахсӣ ва системаи умумии

касбӣ; номувофиқоии намоишкории зоҳирии касбият ва коршоямии касбӣ; номувофиқатӣ дар байни мақсадгузориҳои шахсӣ ва талаботҳои касбӣ; мавҷуд набудани мувозинат дар байни худтакомулдиҳӣ ва худнигоҳдорӣ.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки ба масъалаи коршоямии касбӣ-психологии шахс ҳанӯз аз замонҳои қадим таваҷҷӯҳ зоҳир менамуданд ва дар марҳилаҳои гуногуни таърихӣ, дар кишварҳои гуногун усулу меъёрҳои муайян истифода мешуданд (Анастази А., Богданов В.М., Бурлачук М.Ф., Морозов С.М., Маклаков А.Г., Бовина Б.Г., Мягкий Н.И., Сафронова А.Д., Ростунов А.Т, Шушкевич И.Ч., Ефимкин С.В.). Таҳлили таърихи омӯзиши коршоямии касбӣ-психологии шахс имконият медиҳад, ки чунин давраҳои таърихии онро ҷудо намоем: давраи тоилмӣ, давраи илмӣ ва давраи муосир.

Дар зерфасли 1.2. – “**Вазъи кунунии тадқиқи коршоямии касбӣ-психологии шахс дар мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон”** вазъи масъалаи мазкур дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ гардида, муайян карда шудааст, ки дар мақомоти корҳои дохилии кишвар ташхиси коршоямии касбӣ-психологӣ ҳанӯз аз соли 1978 ба роҳ монда шудааст ва он дар Маркази ташхиси психологии Раёсати тиббии Вазорати корҳои дохилӣ амалӣ карда мешавад.

Барои муоинаи тиббию психологии номзадҳо (кормандон) барои хизмат, таҳсил ва ё барои интиқол ба вазифаҳои дигари мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар Маркази ташхиси психологии Раёсати тиббии ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуҷҷатҳои зерин асос ҳисобида мешаванд: роҳхати дастгоҳи кадри мақомоти корҳои дохилӣ ва қушунҳои дохилии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои гузаштани муоинаи тиббию психологӣ, роҳхати дастгоҳи кадри мақомоти корҳои дохилӣ ва қушунҳои дохилии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои гузаштан аз муоинаи такрории коршоямии психологии касбӣ пас аз гузаштани мӯҳлати санҷишӣ.

Ташхиси психофизиологии коршоямии касбӣ-психологии шахс дар Маркази ташхиси психологии Раёсати тиббии ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон пас аз муоина ва ташхиси тиббии номзадҳо, вале пеш аз муоинаи психиатрӣ гузаронида мешавад. Дар маркази мазкур аз ҷониби коршинос-психолог ду намуди ташхис гузаронида мешавад: психологӣ ва психофизиологӣ. Бояд қайд намуд, ки натиҷаҳои ташхиси психологӣ характери ёридиҳанда доранд ва дараҷаи аҳамиятнокии онҳо бо роҳи муқоиса бо натиҷаҳои муоинаи клиникӣ муайян мегарданд. Меъёрҳои коркардшудаи коршоямии касбӣ-психологии шахс барои ошкор намудан ва таҳлил кардани омилҳои «гурӯҳи осебпазир» низ асоснок карда шудаанд. Роҳёфти маҷмӯавӣ барои муайян кардан ва баҳогузорӣ намудани меъёрҳои «гурӯҳи осебпазир» омилҳои конститутсионалӣ, иҷтимоӣ, психологӣ ва биологиеро дар бар мегирад, ки ба мутобиқати касбии номзад таъсир мерасонанд ва ин на танҳо дар рафти интихоби касбӣ, балки дар рафти роҳнамоии ҳайати шахсӣ низ истифода мешавад. «Гурӯҳӣ осебпазир» - дар худ он категорияи номзадҳоеро фаро

мегирад, ки дар онҳо омилҳои ирсӣ, шароити рушд ва тарбия, хусусиятҳои шахсӣ ва функсионалие дида мешавад, ки эҳтимолияти зиёдшавии ҳолатҳои дезадаптатсиониро афзоиш медиҳад ва ин ҳолати дезадаптатсионӣ дар навбати худ боиси рушди бемориҳои асабӣ-психикӣ ва психосоматикӣ, рафтори ассотсиалӣ, аутоагрессивӣ мегардад, ки ба паст гардидани самаранокии вазифаҳои хизматӣ бурда мерасонад (Березин Ф.Б., Бечтолд Х.П., Митина О.В., Мягкий Н.И., Шутко Г.В., Ларионова С.А., Бовина Б.Г., Сафронова А.Д., Ростунов А.Т. ва диг.). Номзаде, ки ба «гурӯҳи осебпазир» шомил шудааст, чун қоида, «тавсия додан»-и ӯ ба кор дар мақомотҳои қудратӣ дар эҳтимол буда, мавриди баррасии мутахассисон қарор мегирад.

Дар интиҳои кор, пас аз анҷоми давраҳои зикргардида, аз ҷониби коршинос-психологи Маркази ташхиси психологӣ хулосаҳо бо номи «Тавсифномаи психофизиологӣ» бароварда мешаванд. Хулоса бо натиҷагирӣ хотима меёбад, ки дар он навъи (типи) шахсият ва ё хусусиятҳои патопсихологии дар раванди таҳқиқот ошкоркардашуда дар шакли мухтасар нишон дода мешаванд. Тавсияи психолог доир ба коршоямии касбӣ-психологии шахс чунин намудҳоро дорад:

-дар навбати аввал тавсия мегардад (ба вазифаи пешбинигардида пурра мутобиқ аст);

-тавсия мегардад (ба талаботи вазифаи пешниҳодшуда аслан мувофиқат мекунад);

-шартан тавсия мегардад (ба талаботи вазифаи сафарбарнамуда андаке мутобиқ аст, барои фаъолияти касбӣ дар мавриди нарасидани номзадҳо иҷозат дода мешавад);

-тавсия дода намешавад (ба талаботи вазифаи пешниҳодшуда мувофиқ намекунад).

Ҳангоми баровардани хулосаҳои зарурӣ принсипи инсондӯстӣ ва принсипи ташаккули шахсиятро ба инобат гирифтан зарур аст.

Дар зерфасли 1.3. “**Тавсифи психографии фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯйӣ ва талаботҳои касбӣ-психологӣ ба шахсияти довталабони самти оперативӣ**” қайд карда мешавад, ки дар Раёсати тиббии ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста аз талаботи касбӣ чор гурӯҳи таъинотӣ ҷудо шуда бошад ҳам, мутаассифона гурӯҳҳои таъинотии мазкур мувофиқи профессиограммаи самтҳои асосии мақомоти корҳои дохилӣ, бо назардошти психограммаи тартибдодашуда таснифот нашудаанд, яъне дар ин таснифот ҷанбаҳои психологӣ ба эътибор гирифта нашудаанд.

Барои ҳалли масоили мазкур, махсусияти самтҳои фаъолият мувофиқи профессиограммаи ҳар як самти калидии фаъолияти мақомоти корҳои дохилӣ таҳлили психологӣ гардида, аз рӯйи функсияи калидиашон ба гурӯҳҳои ба ҳам монанд ҷудо карда шуданд ва дар ин замина аз рӯи ин психограмма меъёрҳои коршоямии касбӣ барои чор гурӯҳи таъинотӣ муайян карда шуд:

– **фаъолияти экстремалӣ** - дастаи таъиноти махсуси милитсия, дастаи махсуси зудамал, ротаи махсуси зудамали милитсия, оташнишонон;

– **фаъолияти оперативӣ** - раёсати кофтукови ҷиноятӣ, раёсати мубориза зидди ҷиноятҳои муташаккил, раёсати мубориза зидди гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир, раёсати амнияти дохилӣ;

– **фаъолияти ҳучравӣ** - дастгоҳи марказӣ, хадамоти шиносномадиҳию бақайдгирӣ, раёсати молиявию иқтисодӣ, раёсати тиббӣ, муаллимони академияи ВКД;

– **фаъолияти пешгирикунанда** - хадамоти пешгирии ҳуқуқвайронкуниҳо байни ноболиғону ҷавонон, нозирони гурӯҳи назорати давлатии зидди сӯхтор, нозирони ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ.

Аз психограммаи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯйӣ бармеояд, ки ин кормандон дар вазифаҳои мазкур доимо дар ҳолатҳои экстремалию таҳдиду хатар қарор доранд ва дар ин ҷо нафароне лозим меоянд, ки бидуни калавиш барои несту нобуд кардани гурӯҳи ҷиноятпеша ба пеш ҳаракат кунанд. Нафарони хоҳиши ба ин кор даромаданро дошта, бояд доимо тайёрии хуби ҷисмонию равониро дошта бошанду ба ҳама гуна ҳолату вазъиятҳои фишоровару ҷангӣ омода бошанд (Берштейн М.С., Адлаев А.И., Березин Ф.Б., Василев В.Л., Скалин Ю.Е., Шушкевич И.Ч., Ефимкин С.В. ва диг.).

Дар рафти гузаронидани чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯйӣ омилҳои мухталифе пайдо мешаванд, ки ба ҳолати устувории психологии кормандони амаликунандаи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯйӣ таъсири худро мерасонанд. Ин омилҳоро метавон шартан ба чунин намудҳо ҷудо кард:

– мавҷуд набудани воситаҳои техникӣ ва коммуникативии зарурӣ ва ё сатҳу сифати пасти он;

– надоштани омодагии хуби касбӣ;

– мушкилоти иҷтимоӣ-маишӣ;

– қонеъ нагардидан аз ҷиҳати моддӣ ва маҳорати пасти идоранамоии роҳбар;

– сарбориҳои асабию психикӣ;

– номӯътадилии вақти корӣ.

Ҳаноми гузаронидани чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯйӣ аксуламалҳои кормандони оперативӣ дар шаклҳои стрессӣ ва аз даст додани мувозинат мушоҳида мешаванд. Ҳангоми таҳдиду хатар, сарбориҳои гуногуни ҷисмонию зеҳнӣ, вақти қабули фаврии қарор сар мезанад (Бродченко О.И., Акентев П.В., Василев В.Л., Мягкий Н.И., Чуфаровский Ю.В. ва диг.).

Боби дуюми диссертатсия **«Тадқиқи эмпирикии муайян кардани коршоямии касбӣ-психологии шахс ҳамчун унсури таркибии бо кадр таъмин кардани мақомоти корҳои дохилӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»** номгузорӣ шуда, аз ду зерфасл иборат аст.

Дар зерфасли 2.1. – **«Ташкил кардани тадқиқот ва шарҳи методҳои ташхиси коршоямии касбӣ-психологии шахс»** тавсиф ва асосноккунии интихоби методикаҳои тадқиқот ва тавсифи гурӯҳчинӣ барои ба даст овардани мақсади гузошташуда пешниҳод гардидааст.

**Предмети** қисми амалии тадқиқотро муайян намудани коршоямии касбӣ-психологии шахс ҳамчун омили таъмин намудани самаранокии фаъолияти кормандон дар самти фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯйии мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил медиҳад.

**Мақсади** қисми амалии тадқиқот аз муайян намудани роҳу усулҳо ва механизмхои ташхиси коршоямии касбӣ-психологии шахс дар мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ошкор кардани таъсири таҷрибаи корӣ ба тағйирёбии хусусиятҳои шахс дар кормандони самти фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯйӣ иборат аст.

Инчунин тавсифи методикаҳои асосии ташхиси коршоямии касбӣ-психологи шахс, аз ҷумла Методикаи Миннесотнии бисёромилаи тадқиқи шахсият (MMPI), тести Равен, методикаҳои ташхиси хусусиятҳои психофизиологӣ ва методҳои ғайритестии омӯзиши шахсият (таҳлили ҳуҷҷатҳо, суҳбат, анкета, мушоҳида ва методи шарҳи ҳол) оварда шуда, тартиб, хусусият ва меъёрҳои истифодабарии онҳо дар ташхиси коршоямии касбӣ-психологӣ шарҳ дода шудааст.

Қисми амалии тадқиқот дар заминаи Маркази ташхиси психологии Раёсати тиббии ВКД-и Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида шуд. Таҳқиқоти ба нақшагирифташуда дар худ омӯзиши хусусиятҳои психологии довталабони (кормандони) фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯйӣ ва шахсони бевосита иҷрокунандаи фаъолияти мазкурро дар ҷузъу томҳои ВКД дар бар мегирад. Ба сифати озмудашаванда 283 нафар довталабони соҳаи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯйӣ интихоб карда шуданд. Синну соли озмудашавандаҳо аз 25 то 58 солро фаро гирифта, собиқаи кории кормандони мазкур аз 1 то 15 солро ташкил медиҳад.

Тадқиқоти эмпирикӣ дар се давра гузаронида шуд: омӯзиши натиҷаҳои ташхиси психологии қаблӣ (ҳангоми қабул намудан ба кор) дар асоси омӯзиши ҳуҷҷатҳои бойгонӣ, ташхиси бевосита (ташхис бо истифодаи методикаҳои ташхиси психологӣ) ва шарҳи натиҷаҳои бадастовардашуда.

Зерфасли 2.2. “**Таҳлил ва шарҳ додани маълумотҳои бадастовардашуда доир ба коршоямии касбӣ-психологии шахс**” ба таҳлили натиҷаҳои аз тадқоти эмпирикӣ бадастомада бахшида шуда, се зерфаслро дар бар мегирад.

Дар зерфасли 2.2.1. “**Таҳлили маълумотҳои ба воситаи таҳлили ҳуҷҷатҳо бадастовардашуда (ташхиси қаблӣ)**” натиҷаҳои ташхиси қаблӣ мавриди таҳлил қарор дода шуда, қайд карда шудааст, ки асосан аз методи таҳлили ҳуҷҷатҳо бо мақсади ошкор кардани нишондиҳандаҳои ташхиси психологӣ ва психофизиологии пештар, яъне ҳангоми қабул намудан ба кор

гузаронидашуда истифода бурда шудааст. Бо мақсади ошкор кардани таъсири таҷрибаи корӣ ба тағйирёбии хусусиятҳои психологии шахсият озмудашавандаҳо аз рӯйи собиқаи корӣ ба 3 гурӯҳ ҷудо карда шуданд: собиқаи кории то 5 сола, собиқаи кории аз 6 то 10 сола, собиқаи кории аз 11 то 15 сола.

Аз омӯзиши ҳуҷҷатҳо чунин нишондиҳандаҳои тавассути методикаи MMPI бадастовардашуда ошкор карда шуд:

*Ҷадвали 1. Натиҷаҳои ташхиси қаблӣ аз рӯйи нишондиҳандаҳои методикаи MMPI*[*]

| Собиқаи корӣ | Миқдори Озмудашавандагон | Феҳристи 1 | | Феҳристи 2 | | Феҳристи 3 | | Феҳристи 4 | | Феҳристи 5 | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | Шумора | бо % | Шумора | бо % | Шумора | бо % | Шумора | бо % | Шумора | бо % |
| то 5 сол | 61 | 6 | 9,8 | 13 | 21,4 | 22 | 36 | 4 | 6,6 | 16 | 26,2 |
| 6-10 сол | 122 | 30 | 24,5 | 24 | 19,7 | 32 | 26,3 | 20 | 16,4 | 16 | 13,1 |
| 11-15 сол | 100 | 41 | 41 | 19 | 19 | 18 | 18 | 22 | 22 | 0 | 0 |
| **Ҳамагӣ** | **283** | **77** | **27,2** | **56** | **19,8** | **72** | **25,4** | **46** | **16,3** | **32** | **11,3** |

Намояндагони шкалаҳои нишондиҳандаи “сахт” (27,2%), ки он шартан бо номи феҳристи якум ишора карда шуд, доираи ашхоси фаъолро дар бар мегирад. Ба гурӯҳи ашхоси «феҳристи якум» типи шахсиятҳои стеникӣ, ригиднокӣ ва гипертимӣ мутааллиқ буда, онҳо метавонанд дар кушодани ҷинояту дастгир намудани ҷинояткорон дар самти мубориза бар зидди ҷинояткорӣ натиҷаҳои назаррасро дода бошанд. Намояндагони феҳристи дуюм (19,8%), чуноне аз номи шкала бармеояд, нишонаҳои гипостеникии характерро зоҳир мекунанд, ки агар ба тарҷумаи таҳтулафзии мафҳуми гипостеник эътибор диҳем, маънои камфаъолро дорад. Ба онҳо зудранҷӣ, на

[*] *Эзоҳ: Феҳристи 1-ум - шкалаҳои нишондиҳандаи “сахт”, ки хусусиятҳои стеникии шахсиятро зоҳир менамояд, яъне шкалаҳои 4-ум, 6-ум ва 9-ум; феҳристи 2-юм - шкалаҳои нишондиҳандаи «суст», ки нишонаҳои гипостеникиро инъикос менамоянд: 2-юм ва 7-ум шкала; феҳристи 3-юм - шкалаҳои нишондиҳандаи «омехта», шкалаҳои 1-ум ва 3-юм; феҳристи 4-ум аксентуатсияи шкалаҳои нишондиҳандаи «сахт», яъне аз 70-х/Т баромадани шкалаҳои 4-ум, 6-ум ва 9-ум; феҳристи 5-ум аксентуатсияи шкалаҳои нишондиҳандаи «суст», яъне аз 70-х/Т зиёд баромадани шкалаҳои 2-юм ва 7-ум.*

доимо аз худ боварӣ доштан, майл ба худтаҳлилнамоӣ ва таҳлили рафтори атрофиён, доираи маҳдуди муошират, ҳассосӣ, шармгинӣ, номувозинатӣ хос мебошанд. Тибқи меъёрҳои қабулшуда намояндагони ин феҳрист низ ба кор тавсия дода мешаванд, аммо баъд аз намояндагони феҳристи якум.

Дар намояндагони феҳристи "омехта" (25,4%), ки шкалаҳои якуму сеюмро дар бар мегирад, зудмондашавӣ, сустии ҳаракатҳо, ҳаяҷони ботинию изтироб, азсаргузарониҳои таассуротҳои амиқ, аз даст додани мувозинат дар ҳолати фишороварии ҷамъиятӣ, эҳтиёҷот ба мутобиқшавӣ ва дастгирии атрофиён мушоҳида карда мешавад. Намояндагони ин феҳрист ба талаботи фаъолияти экстрималӣ, ки ҳам дар самти кофтукови ҷиноятӣ ва ҳам дар самти гурӯҳҳои таъинотии махсус дида мешаванд, мувофиқат накарда, дар самти оперативию экстрималӣ ба кор дар мақомоти корҳои дохилӣ "шартан" ва "пас аз мӯҳлати коромӯзӣ" тавсия мешаванд. Мувофиқи нишондодҳои тестҳои психологӣ, хусусан методикаи мазкур шахсоне низ ҳастанд, ки дараҷаи фаъолиашон аз меъёр гузаштааст, яъне намояндагони феҳристи 4-ум ва шахсоне низ ҳастанд, ки дараҷаи пассивиашон аз меъёр гузаштааст ё худ намояндагони феҳристи 5-ум аллакай дар зинаи аксентуатсия қарор доранд. Дар натиҷаи таҳлили ҳуҷҷатҳо маълум гашт, ки 16,3%-и озмудашавандагон ба феҳристи 4-ум ва 11,3% ба феҳристи 5 дохил мешаванд. Тибқи талаботи психографӣ намояндагони феҳристи чорум барои кор дар самти фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯйӣ тавсия дода мешаванд, аммо намояндагони феҳристи панҷум тавсия карда намешаанд.

Мувофиқи таҳлили ҳуҷҷатҳо, яъне "ташхиси қаблӣ" нишондиҳандаҳои аз тести Равен бадастовардашуда нишон медиҳанд, ки аз 283 нафар озмудашаванда, яъне нафароне, ки аллакай дар мақомоти корҳои дохилӣ фаъолият мекунанд ва собиқаи кории онҳо аз 1 то 15 солро ташкил медиҳад, танҳо дар 3 нафари онҳо (1,06%) нишондиҳандаҳои аз меъёри муқарраршуда на он қадар баланд аст.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки аз рӯйи хусусиятҳои психофизиологӣ асосан аз рӯйи меъёрҳои нишондиҳандаи устувории эмотсионалӣ ва хотири оперативӣ номувофиқатӣ дида мешаваду халос. Аз шумораи умумии озмудашавандаҳо дар 3 нафар (1,06%) номувофиқатии хотири оперативӣ ва 8 нафар (2,8%) номувофиқатии устувории эмотсионалӣ ошкор карда шуд. Яъне дар 11 нафар (3,9%)-и озмудашавандаҳо ҳанӯз дар ташхиси қаблӣ мувофиқ наомадан ба меъёрҳои муайяншуда аз рӯйи хусусиятҳои психофизиологӣ ошкор карда шудааст.

Мутаассифона, новобаста аз он, ки аз рӯйи натиҷаҳои ташхис ба 40 нафар довталаб (13,3%) хулосаи "тавсия дода намешавад" дода шуда бошад ҳам, онҳо ба кор дар мақомоти корҳои дохилӣ қабул карда шудаанд. Ин дар ҳолате мебошад, ки дар 6 нафари онҳо номувофиқатӣ аз рӯйи ду нишондиҳанда ошкор карда шудааст.

Зерфасли 2.2.2. – “**Таҳлили маълумотҳои ба воситаи ташхиси психологӣ бадастовардашуда (ташхиси бевосита)**” таҳлили натиҷаҳои ташхиси бевоситаи психологӣ ва психофизиологиро бо ҳамон озмудашавандаҳо дар бар мегирад.

Тибқи натиҷаҳои бадастовардашуда дараҷаи тавсия шудани озмудашавандаҳо барои кор дар самти фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯйӣ чунин аст:

- “дар навбати аввал тавсия мешаванд” – 46,6% (132 нафар);
- “тавсия дода мешаванд” – 32,8% (93 нафар);
- “шартан тавсия дода мешаванд” – 10,2% (29 нафар);
- “тавсия дода намешаванд” – 10,3% (29 нафар).

Мавриди қайд аст, ки аз рӯйи натиҷаҳои методикаи MMPI шумораи пурраи нафаронеро, ки “тавсия карда намешаванд” он озмудашавандагоне ташкил медиҳад, ки собиқаи кориашон то 5 солро ташкил мекунад.

Дар ин марҳилаи тадқиқот низ дараҷаи инкишофи зеҳнии озмудашавандаҳо бо истифода аз методикаи Равен мавриди ташхис қарор дода шуд. Ташхис нишон дод, ки аз шумораи умумии озмудашавандаҳо 4 нафар аз рӯйи дараҷаи инкишофи зеҳнӣ ба категорияи “тавсия дода намешаванд” дохил мешаванд, ки 1,4%-ро аз шумораи умумӣ ташкил медиҳад. Ин озмудашавандаҳоро низ ҳамон кормандоне ташкил медиҳад, ки собиқаи кории то 5 сола доранд.

Ташхиси психофизиологӣ нишон медиҳад, ки дар 2 нафар (0,7%)-озмудашавандаҳо меъёри хотири оперативӣ ба ченаки барои кормандони фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯйӣ муқарраршуда мувофиқат намекунад. Миқдори озмудашавандаҳои ба меъёри устувории эмотсионалӣ мувофиқатнакарда бошад, 8 нафар (2,8%)-ро ташкил медиҳад.

Ҳамин тариқ, аз рӯйи натиҷаҳои “ташхиси бевосита” 38 нафар (13,4%)-и озмудашавандагон ба гурӯҳи “тавсия дода намешаванд” дохил мешаванд.

Аз таҳлил бармеояд, ки шумораи асосии нафарони ба гурӯҳи “тавсия дода намешавад” шомилшударо (26 нафар – 68,4%) озмудашавандаҳое ташкил медиҳанд, ки тибқи нишондиҳандаҳои хусусиятҳои психологии шахсият (методикаи MMPI) ба талаботи меъёрӣ ҷавобгӯ нестанд. Дар ҷойи дуюм хусусиятҳои психофизиологӣ меистанд, ки ҳиссаи он 9 нафар, яъне 23,6%-ро ташкил медиҳад. Мутаассифона, дар ҷойи сеюм он озмудашавандаҳое мебошанд, ки аз рӯйи 2 ё 3 нишондиҳанда ба талаботи меъёрӣ ҷавобгӯ нестанд (5 нафар – 18,4%). Аз шумораи умумии озмудашавандаҳо дар “ташхиси бевосита” 13,4%-ашон ба гурӯҳи “тавсия дода намешаванд” дохил шудаанд.

Дар зерфасли 2.2.3 – “**Таҳлили муқоисавии маълумотҳои аз “ташхиси қаблӣ” ва “ташхиси бевосита” бадастовардашуда**” бо мақсади муайян кардани тағйирёбии хусусиятҳои шахсият бо гузашти вақт ва таъсири

фаъолияти касбӣ ба тағйирёбии хусусиятҳои психологии шахс маълумотҳои аз “ташхиси қаблӣ” ва “ташхиси бевосита” бадастовардашуда мавриди таҳлили муқоисавӣ қарор дода шудаанд.

Дар мадди аввал он маълумотҳое мавриди таҳлили муқоисавӣ қарор дода шуданд, ки тавассути методикаи MMPI ба даст оварда шудаанд. Натиҷаҳои аз ин методика бадастовардаро дар шакли диаграмма пешниҳод менамоем.




*Диаграммаи 1. Маълумотҳои “ташхиси қаблӣ” ва “ташхиси бевосита” аз рӯйи нишондиҳандаҳои методикаи MMPI*

Аз таҳлили маълумотҳо бармеояд, ки тағйирёбии назаррас дар хусусиятҳои психологии шахсият дида мешавад. Агар дар “ташхиси қаблӣ” намояндагони феҳристи 1-ум, ки ба гурӯҳи “пеш аз ҳама тавсия дода мешаванд” мансуб мебошанд, 27,2%-ро ташкил диҳанд, дар “ташхиси бевосита” ин нишондиҳанда ба 46,6% мерасад, яъне гузариш аз дигар феҳристҳо ба феҳристи якум хеле назаррас мебошад. Ин ҳолат маънои онро дорад, ки беҳтаршавии (ба талаботи психограмма мувофиқшавӣ) хусусиятҳои шахсият вобаста ба гузашти вақт мушоҳида мешавад. Афзоиши шумораи намояндагони феҳристи чорум низ аз марҳилаи “ташхиси қаблӣ” то “ташхиси бевосита” мушоҳида мешавад, яъне аз 16,3% то ба 20,5%. Бо дарназардошти он ки дар феҳристи 5-ум тағйироти назаррас мушоҳида намешавад, метавон гуфт, ки афзоиши шумораи нафарони ба феҳристи чорум шомилшуда дар “ташхиси бевосита” аз ҳисоби намояндагони феҳристҳои 1, 2 ва 3-юм мебошанд, ки маънои ба феҳристи аксентуатсияи регисти сахт дохилшавиро дорад, яъне аксентуатсияшавии хислатҳои шахсият. Дар феҳристҳои 2 ва 3-юм бошад, коҳишёбии шумораи озмудашавандаҳо аз “ташхиси қаблӣ” то ба “ташхиси бевосита” дида мешавад.

Тибқи нишондодҳои методикаи Равен дар 4 нафар (1,4%) озмудашаванда нишондодҳои на он қадар баланди инкишофи зеҳнӣ ошкор карда шудааст, ки дар муқоиса бо нишондодҳои “ташхиси қаблӣ” 1 нафар зиёд мебошад. Ин чор нафар озмудашаванда ба он гурӯҳи озмудашавандаҳое дохил мешаванд, ки собиқаи кории то 5-сола доранд. Дар дигар гурӯҳҳои озмудашавандагон дараҷаи на он қадар баланди инкишофи зеҳнӣ ошкор карда нашуд.

Мавриди қайд аст, ки аз 3 нафар озмудашавандагони дар “ташхиси қаблӣ” ҳамчун нафарони дорои дараҷаи на он қадар баланди инкишофи зеҳнӣ ошкоршуда дар 2 нафар нишондодҳои меъёрӣ бетағйир монда, дар 1 нафараш болоравии дараҷаи инкишофи зеҳнӣ ва ба меъёр мувофиқшавии он вуҷуд дорад. Дар баробари ин, аз шумораи умумии озмудашавандагони аз рӯйи инкишофи зеҳнӣ ба меъёр мувофиқбуда дар 2 нафар пастшавии дараҷаи инкишофи зеҳнӣ ошкор карда шудааст. Умуман, аз таҳлили натиҷаҳои тавассути тести Равен бадастовардашуда бармеояд, ки дар инкишофи зеҳнии озмудашавандагон тағйироти назаррас вуҷуд надорад.

Мувофиқи таносуби оморӣ дар устувории эмотсионалӣ низ тағйирот ба назар намерасад, зеро дар ҳарду ташхис ҳам 8 нафари озмудашавандагоне ошкор карда шудаанд, ки аз рӯйи ин нишондод ба талаботи психографии фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯйӣ мувофиқ нестанд, яъне 2,8%. Аммо таҳлили сифатӣ нишон медиҳад, ки тағйирот вуҷуд дорад, зеро дар 8 нафари дар “ташхиси қаблӣ” аз рӯйи нишондиҳандаҳои устувории эмотсионалӣ ба талабот ҷавобгӯ набуда тағйироти мусбӣ, яъне мувофиқшавӣ ба талаботи психографӣ дида шуда, дар 8 нафари дигар баръакс. Дар маҷмӯъ дар 16 нафар озмудашавандагон тағйирот аз рӯйи устувории эмотсионалӣ дида мешавад, ки таносуби тамоюли мусбӣ ва манфии он баробар аст.

Ҳамин тариқ, натиҷаҳои “ташхиси қаблӣ” ва “ташхиси бевосита”- ро мавриди таҳлил ва муқоиса қарор дода, ба чунин хулоса омадан мумкин аст:

1. Тибқи нишондодҳои методикаи MMPI дар 127 нафар озмудашавандагон тағйирёбии хусусиятҳои психологии шахсият ошкор карда шуд, ки 44,8%-и озмудашавандагонро ташкил медиҳанд. Аз ин шумора дар 92 нафар озмудашавандагон (72,4%) тағйирёбии хусусиятҳои шахсият ба тарафи мусбӣ мушоҳида шуда, дар 35 нафар (27,6%) тағйирёбии манфӣ дида мешавад. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки таносуби шумораи озмудашавандагон аз рӯйи тағйирёбии хусусиятҳои психологии шахсият вобаста ба собиқаи корӣ фарқ дорад. Аз ҷумла, дар 37,7%-и озмудашавандагони собиқаи кории то 5 -сола дошта, 44,3%-и озмудашавандагони собиқаи кории аз 6 то 10 -сола дошта ва дар 50%-и озмудашавандагони собиқаи кории аз 11 то 15 -сола дошта тағйирёбии хусусиятҳои шахсият ошкор карда шуд.

2. Таҳлили нишондодҳои методикаи MMPI нишон медиҳанд, ки таносуби тағйирёбии мусбӣ ва манфии хусусиятҳои шахсият вобаста ба собиқаи корӣ

